**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ
## (олами атрофи мо)

## дар синфи 1-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Душанбе**
**2015**

**Мураттиб:** Қодиров Набӣ

**Барномаи таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 1-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.**

Душанбе, 2015. 32 саҳ.

# САРСУХАН

Вобаста ба пешрафти замона, илмҳои ҷудогона, тағйирёбии шароити маданию сиёсӣ ва иқтисодии мардуми ҷумҳурӣ, барои боз ҳам самаранок гардидани сохтори таълиму тарбияи насли наврас зарурати таҳия намудани барномаҳои нави таълимӣ ба миён омад.

Таҳияи барномаи таълими номбурда мақсади тарбияи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак дар асоси донишҳо оид ба олами атрофро дар назар дорад.

Табиатшиносӣ илми серсоҳа буда, мувофиқи нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2015–2020 ҳамчун фанни яклухт таълим дода мешавад ва дар синфҳои болоӣ мафҳумҳои алоҳидаи он мавриди омӯзиши фанҳои дигар қарор мегирад.

Ҳангоми таҳияи барнома ба қоидаҳо (принсипҳо)-и асосии аз сода ба мураккаб, илмиву дастрас будани маводи таълимӣ, кишваршиносӣ ва муносибати интерактивӣ бештар такя карда шудааст.

Дониш оид ба табиат ва муҳити атроф барои дарк ва дарёфти ҳодисаҳо, таҳлилу хулосаи онҳо дар асоси ҷаҳонбинии илмӣ зарур мебошанд.

## I. КОНСЕПСИЯИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ таҳкурсии устувори минбаъдаи омӯзиш буда, заминаи муҳими ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол мебошад.

Мактаббачагон дар ин давра на танҳо хондан, навиштан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, балки бо ҳодисаву воқеаҳои олами атроф шинос шуда, роҳҳои беҳдошти муҳити зистро азхуд мекунанд.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ шиносоиро бо ҷузъиёти табиат ва мафҳумҳои табиӣ ҳамчун фан аз синфи якум оғоз менамоянд, минбаъд ба омӯзиши муфассали он

дар синфҳои болоӣ шурӯъ мекунанд. Хонандагон донишҳоро оид ба унсурҳои табиат аз омӯзиши дигар фанҳо, хусусан фанни забони модарӣ ба даст меоранд. Вале фанне, ки ҷанбаҳои гуногуни олами атроф ва ҳаёти одамонро меомӯзад, фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) мебошад.

- Омӯзиши фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) тавассути маводи таълиму тарбиявӣ бояд ба:
  - дарки табиат, ҳодисаҳои табиӣ ва муҳити атроф, ягонагии муносибати одаму олам, муассирии он, эҳсоси ҷудонопазирии якдигар, дарки воқеият;
  - дарки муносибати эҳтиёткорона бо табиат ва боигариҳои он;
  - фароҳам овардани имкониятҳо баҳри инкишофи шавқу ҳаваси маърифатӣ;
  - ташаккули шахсият ва тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ тавассути шиносоӣ бо арзишҳои миллию умумибашарӣ мусоидат намояд.

# II. МАҚСАДИ ТАЪЛИМИ ТАБИАТШИНОСӢ

## Мақсадҳои умумӣ

Саҳми фанни табиатшиносиро дар ташаккули инсон, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи табиат ба эътибор гирифта, мақсадҳои умумии ин фанро дар шакли зайл баён кардан мумкин аст:

- ✓ фаро гирифтани донишҳои табиатшиносӣ, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи хонандагон татбиқ мегарданд ва барои омӯзиши фанҳои дигар мусоидат менамоянд;
- ✓ инкишофи шавқу ҳавас бобати донистани ҳодисаю воқеаҳои табиат ва дарки олами атроф;
- ✓ ташаккули малакаю маҳорати дарки олам ва мавридҳои истифодаи он дар ҳаёти воқеӣ;
- ✓ тарбияи муҳаббат нисбат ба табиат, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, экология ва дар ин замина тарбия намудани ҳисси масъулиятши-носӣ дар муносибати эҳтиёткорона доштан бо олами атроф;
- ✓ баланд бардоштани савияи ҷаҳонбинӣ ва сифатҳои шаҳрвандӣ дар натиҷаи ба даст овардани донишҳо оид ба табиат.

## Мақсадҳои мушаххас:

- гӯш кардан, диққат додан ва муқоисаи ҳодисаву воқеаҳои табиӣ;
- баёни шифоҳии маводи омӯхташуда;
- фаҳмонида тавонистани фикр ва мақсади худ;
- иҷрои машғулиятҳои амалӣ;
- ҷудо кардани унсурҳои маводи табиатшиносӣ;
- фарқ кардани як унсур ё ҳодисаи табиӣ аз дигараш;
- тасаввур карда тавонистани ҳодиса ва воқеаҳои табиӣ;
- тасвир карда тавонистани объекти омӯхташаванда;
- дарк кардан ва масъулиятшиносӣ нисбат ба вазъи экологии табиат ва маҳал;
- шавқманд будан ба донишандӯзӣ ва татбиқи ин донишҳо дар ҳаёт;
- бошуур ва фаъол будан дар кори таълим.

# III. МАЗМУНИ МУНДАРИҶА

| **Мавзӯи машғулиятҳо** | **Талабот ба дониш, малака ва маҳорат**<br>*Баъд аз омӯзиши мавзӯъ хонанда метавонад:* | **Метод ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ** |
|---|---|---|
| Муқаддима | • мафҳумҳое, ки барои шиносоӣ бо фан заруранд, гӯяд;<br>• аҳамияти омӯзиши фанро шарҳ диҳад;<br>• бо мақсади донишандӯзӣ саволҳо диҳад;<br>• ба саволҳои худ ҷавобҳои дуруст гирад. | ✓ Суҳбат.<br>✓ Масъала ва саволгузорӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои китоби дарсӣ ва иловагӣ.<br>✓ Гузориши саволҳо барои ҷалби диққат. |
| Ватани мо | • мафҳуми **ватан**ро шарҳ диҳад;<br>• номи ватани хешро гӯяд;<br>• муқаддасоти миллиро номбар кунад;<br>• Тоҷикистонро ҳамчун ватани маҳбуби худ шиносад;<br>• Душанберо ҳамчун пойтахти ватани худ эътироф кунад;<br>• расми муқаддасоти миллиро тасвир кунад. | ✓ Гузориши саволҳо барои ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Кор бо расмҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Алоқаманд гардонидани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. |
| Оилаи мо | • мафҳуми **оила**ро шарҳ диҳад;<br>• ҳайати оилаи худро номбар кунад;<br>• онҳоро ба категорияҳо – падар, модар, хоҳар ва ғайра ҷудо кунад;<br>• аъзои оиларо ҳамчун шахсони ғамхор қабул кунад;<br>• оид ба дастгирӣ намудани | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади водоркунӣ ва ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Истифодаи аёниятҳо.<br>✓ Кор бо матн ва расмҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| | аъзои оила дар ҳолати ғаму хурсандӣ маълумот диҳад;<br>• хусусиятҳои оилаи намунавиро ба таври худ шарҳ диҳад. | ✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Алоқаманд гардонидани мазмун бо ҳаёт. |
| Хона ва мактаби мо | • хусусияти хонаро ҳамчун манзили зист фаҳмонад;<br>• мактабро ҳамчун даргоҳи маърифат тавсиф кунад;<br>• ҷойгиршавии мактабро нисбат ба хонаи худ гӯяд;<br>• қоидаҳои рафтори дуруст-ро дар мактаб ва дар роҳи мактаб номбар кунад ва онҳоро риоя намояд;<br>• ҳангоми ба мактаб рафтан ва баргаштан аз роҳҳои бехатар истифода барад. | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳо.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Алоқаманд гардонидани мазмун бо ҳаёт. |
| Дар осмон чӣ ҳаст? | • мафҳумҳои **абр, Офтоб, Моҳ** ва **ситора**ро номбар кунад;<br>• ҳолати гуногун доштани абрҳои осмониро бо суханони худ фаҳмонад;<br>• аломатҳои одии ҷирмҳои осмониро шарҳ диҳад;<br>• нисбати ҷирмҳои осмонӣ таваҷҷуҳ зоҳир кунад;<br>• интихобан расми объектҳои омӯзишро тасвир кунад. | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳо.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ.<br>✓ Алоқаманд гардонидани мазмун бо ҳаёт. |
| Чаро Офтоб рӯзона ва Моҳтоб шабона | • Офтобро ҳамчун кураи тафсон шиносад;<br>• оид ба кай баромадан ва кай нишастани Офтоб | ✓ Водоркунии хонандагон тавассути масъалагузорӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| намоён мешавад? | маълумот диҳад;<br>• хусусияти одии ба амал омадани шабу рӯзро шарҳ диҳад;<br>• Моҳтобро ҳамчун ҷирми осмонии ба Замин наздиктарин шиносад;<br>• сабаби шабона равшан будани сатҳи Моҳтобро бо суханони худ фаҳмонад;<br>• расмҳои Офтоб ва Моҳтобро тасвир кунад. | ✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳо.<br>✓ Алоқаманд гардонидани мазмун бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Чаро шакли Моҳ тағйир меёбад? | • аз рӯйи мушоҳидаҳои худ тағйирёбии шакли Моҳтобро гӯяд;<br>• сабаби тағйир ёфтани шакли Моҳро бо суханони худ фаҳмонад;<br>• ҷараёни ба амал омадани тағйирёбии шакли Моҳро аз рӯйи расму тасвирҳо нишон диҳад;<br>• фикрҳои худро оид ба ин ҳодиса иброз дорад;<br>• ба фикри ҳамсинфон дар ин масъала иловаҳо ворид кунад. | ✓ Суҳбат.<br>✓ Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Кор бо китоби дарсӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳо.<br>✓ Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. |
| Санг ва хок | • ашё - ҷинсҳои кӯҳие, ки дар рӯйи Замин ҷойгиранд – санг, қум, рег ва хокро номбар кунад;<br>• хусусияти одии онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• аз рӯйи хусусиятҳо хокро аз санг фарқ кунад;<br>• соҳаи истифодаи ин ашёро ба таври худ фаҳмонад. | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо китоби дарсӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Алоқаманд |

| | | |
|---|---|---|
| | | кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. |
| Рустанӣ | • баъзе хусусиятҳои рустаниҳоро номбар кунад;<br>• ҷиҳатҳои монандии рустаниҳоро гӯяд;<br>• рустаниҳоро ба гиёҳ (алаф), бутта ва дарахт ҷудо кунад;<br>• аз рӯйи расму тасвирҳо онҳоро аз ҳам фарқ кунад;<br>• мушоҳидаҳои ҳаётии худро оид ба рустаниҳо нақл кунад. | ✓ Водоркунии хонандагон тавассути масъалагузорӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳо.<br>✓ Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. |
| Парвариши гул | • аз рӯйи расм намудҳои гуногуни гулҳоро нишон диҳад;<br>• зарурати парвариши гулҳоро фаҳмонад;<br>• сабаби эҳтиёт кардани гулҳоро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• шароити мусоид барои сабзиш ва нигоҳубини гулро гӯяд;<br>• расми гули дӯстдошта-ашро тасвир намояд. | ✓ Суҳбат.<br>✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳо.<br>✓ Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Мева ва сабзавот | • намудҳои мева ва сабзавотро номбар кунад;<br>• аз рӯйи расм онҳоро нишон диҳад;<br>• вобаста ба шакл ва рангашон меваю сабзавотро фарқ кунад;<br>• аҳамияти баъзеи онҳоро | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Кор бо китоби дарсӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| | бо суханони худ гӯяд;<br>• расми мева ва сабзавоти дилхоҳашро тасвир кунад. | ✓ Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Рангҳо дар табиат | • рангҳое, ки дар табиат вомехӯранд, номбар кунад;<br>• хусусияти рангҳои гуногун доштани ашёи табииро бо суханони худ фаҳмонад;<br>• аз расму тасвирҳо истифода бурда ранги ашёро аз ҳам фарқ кунад;<br>• баъзе ашёро тасвир намояд ва онҳоро мувофиқан ранг кунад. | ✓ Суҳбат.<br>✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Ҳашарот | • якчанд намуди ҳашаротро номбар кунад;<br>• зараровар ва фоидаовар будани ҳашаротро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• оид ба ҳашароти зараровар ва фоидаовар аз табиати маҳал мисол орад;<br>• аз рӯйи расму тасвирҳо ҳашароти гуногунро нишон диҳад;<br>• оид ба ҳашарот чистон гӯяд;<br>• аз ҳашароти зиёновар эҳтиёт намояд;<br>• расми ҳашароти дилхоҳашро тасвир кунад. | ✓ Масъала ва саволгузорӣ бо мақсади водоркунӣ ва ҷалби диққат.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ.<br>✓ Истифодаи мисолҳои ҳаётӣ |
| Моҳӣ ва намудҳои он | • якчанд намуди моҳиро номбар кунад; | ✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ;<br>✓ Саволгузорӣ бо |

| | | |
|---|---|---|
| | • ҳайвони обӣ будани моҳиро бо мисолҳо исбот кунад;<br>• муҳити зисти моҳиҳоро (дарё, кӯл, баҳр) гӯяд;<br>• аз рӯйи расм моҳиҳои дарёӣ ва баҳриро фарқ кунад;<br>• оид ба моҳӣ чистон гӯяд;<br>• расми моҳии дилхоҳашро тасвир кунад. | мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Истифодаи чистон.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ.<br>✓ Истифодаи мисолҳои ҳаётӣ |
| Олами парандаҳо | • якчанд намуди парандаро номбар кунад;<br>• дар расм аз байни дигар ҳайвонот парандаҳоро ҷудо кунад;<br>• оид ба гуногунии парандаҳо фикрҳои худро баён кунад;<br>• парандаҳои парвозӣ ва парвоз карда наметавонистагиро фарқ кунад;<br>• номи парандаҳоеро, ки парвоз карда наметавонанд, гӯяд;<br>• расми парандаи дилхоҳашро тасвир кунад. | ✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ.<br>✓ Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ. |
| Ҳайвонҳои хонагӣ | • ҳайвонҳои хонагиро номбар кунад;<br>• онҳоро аз рӯйи расму тасвирҳо нишон диҳад;<br>• аҳамияти баъзеи онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• оид ба ягон ҳайвони хонагӣ аз ҳаёт мисол орад;<br>• оид ба ҳайвонҳои хонагӣ | ✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Истифодаи чистон;<br>✓ Истифодаи мисолҳои ҳаётӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Ба роҳ мондани |

| | | |
|---|---|---|
| | чистон гӯяд;<br>• расми ҳайвони хонагии дилхоҳашро тасвир кунад. | расмкашӣ. |
| Ҳайвонҳои ваҳшӣ | • якчанд намуди ҳайвони ваҳширо номбар кунад;<br>• аз рӯйи расму тасвирҳо ҳайвонҳои ваҳширо аз ҳамдигар фарқ кунад;<br>• хусусияти фарққунандаи ҳайвонҳои ваҳширо аз ҳайвонҳои хонагӣ гӯяд;<br>• расми ягон ҳайвони ваҳширо тасвир намояд. | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Истифодаи мисолҳои ҳаётӣ.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Табиатро дӯст доред! | • ашё ва ҳодисаҳои табииро номбар кунад;<br>• сарчашмаи илҳом ва зебоӣ будани табиатро бо суханони худ фаҳмонад;<br>• фаҳмиши «Дӯст доштани табиат»-ро бо мисолҳои ҳаётӣ баён кунад;<br>• манзара ва дигар унсурҳои табииро аз рӯйи расмҳо нишон диҳад;<br>• расми манзараи табиии дилхоҳашро тасвир намояд. | ✓ Масъалагузорӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Истифодаи мисолҳои ҳаётӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Борон ва барф | • намудҳои борон ва барфро номбар кунад;<br>• сабаби ба вуҷуд омадани борону барфро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• дар кадом фаслҳо боридани барфу боронро гӯяд;<br>• аҳамияти ин боришотро барои табиат ва инсон бо суханони худ шарҳ диҳад; | ✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Истифодаи мисолҳои ҳаётӣ.<br>✓ Мушоҳида ва таҳлил. |

| | | |
|---|---|---|
| | • аз рӯйи расму тасвирҳо раванди пайдоиши боришотро фаҳмонад. | ✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Тиру камон чӣ гуна ба амал меояд? | • аз рӯйи расм рангҳои тиру камонро номбар кунад ва нишон диҳад;<br>• ҷараёни ба вуҷуд омадани ҳодисаи тиру камонро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• ҷойҳое, ки ҳодисаи тиру камонро мушоҳида кардан мумкин аст, гӯяд;<br>• расми тиру камонро тасвир намояд ва ранг кунад. | ✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Чаро мо шаб хоб мекунем? | • сабаби шабона хоб кардани одамро гӯяд;<br>• аҳамияти хобро барои организми инсон бо суханони худ фаҳмонад;<br>• оид ба хоби баъзе ҳайвонҳо маълумот диҳад;<br>• тарзи хоби одамони касбу кори гуногунро шарҳ диҳад;<br>• оид ба мавзӯъ чистон гӯяд. | ✓ Савол ва масъалагузорӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Мушоҳида ва таҳлил.<br>✓ Истифодаи чистон |
| Барои чӣ мева ва сабзавотро зиёд истеъмол кардан зарур аст? | • намудҳои мева ва сабзавотро номбар кунад;<br>• аз рӯйи расму тасвирҳо онҳоро нишон диҳад;<br>• аҳамияти онҳоро барои инкишофи организми инсон бо суханони худ гӯяд;<br>• қоидаҳои дурусти истеъмоли меваю | ✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Савол ва масъалагузорӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти |

| | | |
|---|---|---|
| | сабзавотро фаҳмонад;<br>• оид ба мазмуни мавзӯъ чистон гӯяд;<br>• расми баъзе меваю сабзавотро тасвир кунад ва манбаи кадом витамин будани онҳоро нишон диҳад. | воқеӣ.<br>✓ Мушоҳида ва таҳлил.<br>✓ Истифодаи чистон.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Шустани дасту рӯй ва дандонҳо чӣ аҳамият дорад? | • сабаби тоза нигоҳ доштани дандонҳо ва дастҳоро бо мисолҳо асоснок кунад;<br>• оқибати нашустани даст ва тоза накардани дандонҳоро бо суханони худ фаҳмонад;<br>• дар давоми шабонарӯз вақти тоза намудани дандонҳо ва шустани дастҳоро гӯяд;<br>• аз рӯйи расм тарзи дурусти тоза кардани дандонҳоро нишон диҳад. | ✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Савол ва масъалагузорӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ. |
| Тозагӣ - гарави саломатист! | • зарурати ҳифзи муҳити атрофро бо суханони худ фаҳмонад;<br>• фаҳмиши «Тозагӣ – гарави саломатӣ»-ро шарҳ диҳад.<br>• аҳамияти тоза будани муҳити хона, мактаб ва синфхонаро ба таври одӣ фаҳмонад;<br>• илме, ки ба тозагӣ сару кор дорад, номбар кунад;<br>• дар тоза нигоҳ доштани хонаи худ ва синфхона саҳм гузорад. | ✓ Савол ва масъалагузорӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. |
| Асбобу ашёи рӯзгор дар | • ашёи рӯзгорро номбар | ✓ Суҳбат.<br>✓ Саволу ҷавоб. |

| | | |
|---|---|---|
| кадом ҳолат метавонанд хатарнок бошанд? | кунад;<br>• онҳоро гурӯҳбандӣ намояд;<br>• хусусияти хатарнокии онҳоро шарҳ диҳад;<br>• оид ба хатари ашёи рӯзгор аз воқеаҳои ҳаётӣ мисолҳо орад;<br>• дар зиндагӣ аз ашёи хатарноки рӯзгор эҳтиёт шуда тавонад. | ✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. |
| Либос ва намудҳои он | • намудҳои гуногуни либосро номбар кунад;<br>• таърихи пайдоиши либосро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• хусусияти одии либоси замонҳои пеш ва ҳозираро фаҳмонад;<br>• оид ба либоси махсус доштани одамони касбу кори гуногун маълумот диҳад;<br>• либосҳои миллии тоҷикиро аз дигар либосҳо фарқ кунад;<br>• расми ягон либоси миллиро тасвир намояд. | ✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |
| Дучарха дар куҷо ихтироъ шудааст? | • замон ва ҷойи пайдоиши дучархаро гӯяд;<br>• хусусияти дучархаи ҳар давру замонро шарҳ диҳад;<br>• аз рӯйи расм намудҳои дучархаро фарқ кунад;<br>• қисмҳои дучархаро номбар кунад;<br>• ҷойҳои бехатари дучархарониро гӯяд. | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Мушоҳида ва таҳлил. |

| | | |
|---|---|---|
| Неруи барқ дар куҷо ба вуҷуд меояд? | • мафҳуми **неругоҳ**ро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• аҳамияти барқро барои инсон фаҳмонад;<br>• аз кадом қувваҳои табиӣ ҳосил кардани неруи барқро гӯяд;<br>• хатари барқро ба саломатии инсон бо мисолҳои ҳаётӣ асоснок кунад. | ✓ Савол ва масъалагузорӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Мушоҳида ва таҳлил.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. |
| Аҳамияти оинаи нилгун ва телефон | • саҳми телевизионро дар рӯзгори одамон шарҳ диҳад;<br>• аҳамияти телефонро дар ҳаёти инсон бо суханони худ фаҳмонад;<br>• аз рӯйи расму тасвирҳо намудҳои гуногуни оинаи нилгун ва телефонро фарқ кунад;<br>• оид ба зарари ин таҷҳизот маълумот диҳад;<br>• тарзи бехатари истифодаи телефон ва телевизорро бо мисолҳо фаҳмонад;<br>• тарзи дурусти бо телефон сухан карданро гӯяд. | ✓ Савол ва масъалагузорӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Истифодаи аёниятҳои таълимӣ.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Мушоҳида ва таҳлил. |
| Нақши компютер дар ҳаёти инсон | • қисмҳои компютерро номбар кунад;<br>• аз рӯйи расм онҳоро нишон диҳад;<br>• корҳое, ки компютер иҷро мекунад, гӯяд;<br>• зарари истифодаи нодурусти компютерро ба саломатии инсон шарҳ диҳад. | ✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Мушоҳида ва таҳлил. |

| | | |
|---|---|---|
| Нақлиёти автомобилӣ ва қатора | • намудҳои автомобилро номбар кунад ва аз рӯйи расм онҳоро нишон диҳад;<br>• аҳамияти нақлиёти автомобилиро дар ҳаёти инсон бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• таъйиноти қатораро гӯяд;<br>• намудҳои қатораро номбар кунад;<br>• аҳамияти қатораро дар боркашонӣ ва мусофиркашонӣ фаҳмонад;<br>• аз рӯйи расм мошин ва қатораро фарқ кунад. | ✓ Саволу ҷавоб.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ. |
| Чаро киштӣ ва ҳавопаймо (тайёра) месозанд? | • намудҳои киштӣ ва ҳавопаймо (тайёра)-ро номбар кунад;<br>• аҳамияти киштӣ ва ҳавопаймо (тайёра)-ро барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии одамон бо суханони худ фаҳмонад;<br>• аз рӯйи расм қисмҳои ҳавопаймо (тайёра) ва киштиро номбар кунад ва нишон диҳад;<br>• чархбол (*вертолёт*)-ро аз ҳавопаймо (тайёра, *самолёт*) фарқ кунад. | ✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ.<br>✓ Суҳбат.<br>✓ Саволгузорӣ.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Истифодаи аёният.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. |
| Фаслҳои сол | • фаслҳои солро номбар кунад;<br>• моҳҳоро ба фаслҳои сол тақсим кунад;<br>• ҳолати табиатро дар фаслҳои гуногуни сол бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• оид ба либосҳое, ки дар | ✓ Саволгузорӣ бо мақсади водоркунӣ ва ҷалби диққат.<br>✓ Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.<br>✓ Кор бо бахшҳои китоби дарсӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| | фаслҳои гуногуни сол пӯшидан лозим аст, маълумот диҳад;<br>• шуғли дӯстдоштаи худро дар фасли муайян гӯяд;<br>• расми ягон манзараи фасли муайянро тасвир намояд. | ✓ Суҳбат.<br>✓ Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.<br>✓ Корҳои фардӣ ва дунафарӣ.<br>✓ Ба роҳ мондани расмкашӣ. |

# IV. ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

## Намунаи нақшаи тақвимӣ

| **Т/р** | **Мавзӯъҳо** | **Микдори соат** | **Муддати иҷро** |
|---|---|---|---|
| НИМСОЛАИ 1 | | | |
| 1. | Муқаддима | 1 | |
| 2. | Ватани мо | 1 | |
| 3. | Оилаи мо | 1 | |
| 4. | Хона ва мактаби мо | 1 | |
| 5. | Дар осмон чӣ ҳаст? | 1 | |
| 6. | Чаро Офтоб рӯзона ва Моҳтоб шабона намоён мешавад? | 1 | |
| 7. | Чаро шакли Моҳ тағйир меёбад? | 1 | |
| 8. | Санг ва хок | 1 | |
| 9. | Рустанӣ | 1 | |
| 10. | Парвариши гул | 1 | |
| 11. | Мева ва сабзавот | 1 | |
| 12. | Рангҳо дар табиат | 1 | |
| 13. | Ҳашарот | 1 | |
| 14. | Моҳӣ ва намудҳои он | 1 | |
| 15. | Олами парандаҳо | 1 | |
| 16. | Ҳайвонҳои хонагӣ | 1 | |
| 17. | Ҳайвонҳои ваҳшӣ | 1 | |

| НИМСОЛАИ 2 | | | |
|---|---|---|---|
| 18. | Табиатро дӯст доред! | 1 | |
| 19. | Борон ва барф | 1 | |
| 20. | Тиру камон чӣ гуна ба амал меояд? | 1 | |
| 21. | Чаро мо шаб хоб мекунем? | 1 | |
| 22. | Барои чӣ мева ва сабзавотро зиёд истеъмол кардан зарур аст? | 1 | |
| 23. | Шустани дасту рӯй ва дандонҳо чӣ аҳамият дорад? | 1 | |
| 24. | Тозагӣ гарави саломатист! | 1 | |
| 25. | Асбобу ашёи рӯзгор дар кадом ҳолат метавонанд хатарнок бошанд? | 1 | |
| 26. | Либос ва намудҳои он | 1 | |
| 27. | Дучарха дар куҷо ихтироъ шудааст? | 1 | |
| 28. | Неруи барқ дар куҷо ба вуҷуд меояд? | 1 | |
| 29. | Аҳамияти оинаи нилгун ва телефон | 1 | |
| 30. | Нақши компютер дар ҳаёти инсон | 1 | |
| 31. | Нақлиёти автомобилӣ ва қатора | 1 | |
| 32. | Чаро киштӣ ва ҳавопаймо (тайёра) месозанд? | 1 | |
| 33. | Фаслҳои сол | 1 | |

## Намунаи банақшагирии дарси яксоата

**Мавзӯъ. Хона ва мактаби мо** (1 соат)

**Натиҷаҳои таълим (мақсадҳо).** Дар интиҳои дарс хонандагон бояд:

- хусусияти хонаро ҳамчун манзили зист гуфта тавонанд;
- мактабро ҳамчун даргоҳи маърифат тавсиф карда тавонанд;

- мавқеи ҷойгиршавии мактабро нисбат ба хонаи худ гуфта тавонанд;
- қоидаҳои рафтори дурустро дар мактаб ва дар роҳи мактаб номбар карда тавонанд;
- ҳангоми аз хона ба мактаб рафтан ва баръакс, аз роҳҳои бехатар истифода бурда тавонанд.

**Маводи таълим.** Овезаҳо бо расму тасвирҳои хона, мактаб ва роҳҳои аз хона то мактаб, расму тасвирҳо ва бахшҳои китоби дарсӣ, коғазу қалам.

**Методҳои таълим.** Саволгузорӣ бо мақсади ҷалби диққат, суҳбат, кор бо бахшҳои китоби дарсӣ, корҳои фардӣ ва дунафарӣ, истифодаи аёниятҳо, мушоҳида, муқоиса ва таҳлил, алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

РАВИШИ ДАРС:

1. ***Саволгузорӣ дар атрофи хонаи истиқоматӣ.*** Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед: *Хона чист? Кадом намуди хонаҳоро медонед? Дар хонаи шумо кадом ҳуҷраҳо мавҷуданд?.*
2. ***Суҳбат дар бораи хонаи истиқоматӣ.*** Ҷараёни суҳбатро аз рӯйи расмҳои китоби дарсӣ ва овезаҳо ба роҳ монед. Дар раванди суҳбат ба хонандагон оид ба хусусияти хона ва ҳуҷраҳои алоҳидаи он (ҳуҷраи хоб, дарстайёркунӣ, хӯрокхӯрӣ, шустушӯй) маълумот диҳед.
3. ***Шиносоӣ бо мактаб ва синфхона.*** Бо тариқи саволу ҷавоб ва суҳбат ба хонандагон оид ба хусусиятҳои мактабу синфхона маълумот дода мешавад. Аз расмҳои китоб истифода баред. Намунаи саволу ҷавоб аз рӯйи расмҳо: *Дар расм чиро мебинед? Онҳо чӣ кор карда истодаанд?* ва ғайра. Мушоҳидаи синфхона. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки синфхонаро мушоҳида кунанд ва дунафарӣ фикр карда, бо синфхонаи дар

расм тасвирёфта муқоиса намоянд.Ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқияти онҳоро бо бачаҳо муҳокима кунед. Оид ба қоидаҳои тозаву озода нигоҳ доштани мактаб, синфхона ва хонаи истиқоматӣ ба хонандагон маълумот диҳед.

4. ***Бозӣ: «Ёфтани хонандаи боодоб ва беодоб».*** Омӯзгор оид ба рафтори дуруст ва нодурусти бачаҳо дар мактаб мисолҳо оварда, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки бачаи боодоб ва беодобро ёбанд. Мисол, *«Хонанда бисёр даву тоз мекунад», «Бо ҳамсинфаш якҷоя дарс тайёр мекунад», «Дар паси миз дуруст намешинад», «Бо рафиқонаш ҷанҷол мекунад», «Дар кӯча ба одамон салом медиҳад», «Когазпораҳоро ба ҳар тараф мепартояд»* ва ғайра. Оид ба тартибу интизом ва одоби дурусти бачаҳо мухтасар маълумот диҳед.
5. ***Суҳбат оид ба бехатарии роҳи хона - мактаб.*** Аз якчанд хонанда хоҳиш кунед то гӯяд, ки ҳангоми ба мактаб омадан аз кадом роҳҳои мошингард мегузаранд. Аз онҳо пурсед, ки дар роҳ бо одамон рух додани кадом воқеаҳо мумкин аст. Бигзор хонандагон аз таҷрибаи ҳаётии худ оид ба ягон воқеаи рухдода нақл кунанд. Тарзи дуруст ва бехатари рафтани роҳи мактаб-хонаро ба хонандагон фаҳмонед.
6. ***Мустаҳкамкунӣ ва ҷамъбаст.*** Оид ба масъалаҳои омӯхташуда аз хонандагон пурсон шавед. Масалан, бо чунин савол муроҷиат кардан мумкин аст: *«Бачаҳо, ки мегӯяд, мо дар ин дарс оид ба чӣ дониш гирифтем?».* Барои иштироки фаъолонаашон ба онҳо ташаккур гӯед ва дарсро ҷамъбаст кунед.

## Тарзи истифодаи маводи таълимӣ ва китоби дарсӣ

Омӯзиши фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар асоси маводи гуногуни таълимӣ ва китоби дарсӣ ба

роҳ монда мешавад. Мушоҳидаҳои бевоситаи обектҳои олами атроф, овезаҳо бо расму тасвирҳои табиати ғайризинда ва зинда, суробу қолабҳо, мавод дар шакли варақа, наворҳои садоиву видеоӣ ва истифодаи «Гӯшаи зинда» ҷараёни таълимро шавқовар мегардонанд.

Китоби дарсии табиатшиносӣ донишҳоро оид ба табиат ва олами атроф ба хонандагон дар шакли расму тавирҳо пешниҳод менамояд. Расму тасвирҳои китобро бо мақсадҳои зерини донишандӯзӣ: муайян кардани хусусияти объекти омӯзиш, муқоиса, муайян кардани рафтори дуруст ва нодуруст, баёни таассуроти шахсӣ, тасвири объектҳо ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

То нимсолаи якум (давраи омӯзиши алифбо) хонандагони синфи 1-ум дуруст хонда ва навишта наметавонанд. Аз ин хотир саволу супоришҳо ва матнҳои китобро дар ин давра омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад ва моҳияти онҳоро шарҳ медиҳад. Алоқаманд кардани маводи омӯзиш бо ҳаёти воқеӣ (чизи дидаву шунидаи хонандагон) самаранокии таълимро меафзояд.

## Қоидаҳои асосӣ
## ва методҳои таълими табиатшиносӣ

***Қоидаҳои асосии таълими табиатшиносӣ*** аз якчанд силсилаи бо ҳам алоқаманд иборатанд ва ҳар яки он муносибати байни хонанда ва омӯзгорро ба таври зайл муайян мекунад:

- ✓ илмӣ ва дастрасии таълим;
- ✓ пайдарҳамӣ дар таълим ва алоқамандии он бо амалияи меҳнатӣ;
- ✓ бошуурӣ ва фаъол будани хонандагон дар кори таълим;
- ✓ аёният дар таълим;
- ✓ кишваршиносӣ дар таълим.

Омӯзгори ҳар як фанни таълимӣ вобаста ба хусусиятҳои он фан аз ин қоидаҳо истифода мебарад. Ҳангоми таълими табиатшиносӣ дар синфи 1-ум ҷиҳатҳои ҷаҳонбинии илмӣ инкишоф дода мешаванд.

Қоидаи *дастрас будани маводи таълимӣ* ба синну соли хонанда вобаста аст. Бо ин мақсад дараҷаи инкишофи ҷаҳонбинии хонандагонро ба эътибор гирифта, интихоби дурусти мавод бамаврид аст.

Моҳияти қоидаи *пайдарҳамӣ* дар он аст, ки омӯзиши ҳаррӯза чун силсила пайдарҳам аз рӯйи қонунияти муайян ба амал бароварда мешавад. Ин дар назди омӯзгор вазифа мегузорад, ки ба пайдарҳамии таълим ва тартиби мавзӯъҳо риоя намуда, дар асоси навигариҳои илм шавқу ҳаваси хонандагонро ба табиатшиносӣ ва экология бедор кунад ва ба ин тариқ, *қоидаи бошуурӣ ва фаъол будани хонандагон ба кори таълимро* риоя кунад.

Ҳангоми риоя кардани қоидаи *аёният дар таълим* ба омӯзгор зарур аст, ки моҳияти ин қоидаро дар таълими табиатшиносӣ ва таҷрибаи педагогиаш муайян намояд. Дар дарсҳои табиатшиносӣ аз воситаҳои аёнии тасвирӣ (расм, суратҳо, кинофилм, диафилм, диапозитивҳо),нақша, диаграмма ва ашёи табиӣ истифода кардан мувофиқи мақсад аст.

*Кишваршиносӣ* олами табиатро аз нуқтаи назари географӣ, таърихӣ, биологӣ ва мардумшиносӣ меомӯзад. Аз ин хотир кишваршиносӣ ба таълими табиатшиносӣ ёрӣ мерасонад. Омӯзгор бо мақсади васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон аз ашёи маҳаллӣ истифода бурда, фаҳмиши бачаҳоро инкишоф медиҳад. Кишваршиносӣ аз ду давра иборат аст:

1. Ҷамъоварии маводи маҳал.
2. Истифодаи мавод дар дарс.

Зери мафҳуми ***методҳои омӯзиш*** дар дидактика роҳҳои мусаллаҳшавии хонандагон бо дониш, малакаву маҳорат, васеъшавии ҷаҳонбинӣ ва инкишофи донишандӯзии онҳо бо роҳбарии омӯзгор фаҳмида мешавад.

Ҳангоми омӯзиши табиатшиносӣ аз усулҳои гуногун истифода мебаранд. Дар баробари методҳои анъанавӣ дар омӯзиши фан аз методҳои интерактивии таълим ва омӯзиш истифода кардан баманфиат мебошад.

Методҳои ***интерактивии омӯзиш*** ҳамкориро (ё муносибати байниҳамдигариро) байни омӯзгор ва хонанда, хонанда бо хонанда, инчунин хонанда ва омӯзгор талаб мекунанд. *Интерактив* аз калимаи англисии «интеракт» гирифта шуда, «интер» - якҷоя ва «акт» - амал, кор, фаъолият кардан мебошад. Методи интерактивии таълим ва омӯзиш аз хонанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад.

*Меъёрҳои асосии модели интерактивии таълим ва омӯзиш аз инҳо иборатанд:*

- имконияти муҳокимарониҳо ва пешниҳоди озоди мавзӯъ;
- сухангӯйии ками омӯзгор;
- шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ;
- ташаббускорӣ аз тарафи хонанда;
- шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд;
- иҷрои корҳои хаттӣ.

**Оё методи интерактивии таълимро бо методҳои анъанавӣ муқобил гузоштан мумкин аст?**

Он нуқтаи назаре, ки вуҷуд доштани танҳо ду методи таълимро таъкид мекунад, хатост. Методҳои зиёде мавҷуданд, ки онҳо бо тарзҳои муносибати

байниҳамдигарии хонандагон аз якдигар фарқ мекунанд. Агар шумо, ҳатто ҳангоми кор бо китоби дарсӣ пеш аз супоридани кори хаттӣ аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ягон масъалаеро дар гурӯҳҳои дунафара муҳокима кунанд, ин маънои онро дорад, ки шумо аз методи интерактивӣ истифода кардед. Ва, агар шумо фаъолиятатонро аз ҳамин нуқтаи назар таҳлил кунед, пас мебинед, ки пештар низ қисматҳои омӯзиши якҷоя ва ҳамкориро истифода мебурдед. Қисме аз омӯзгорон чунин мепиндоранд, ки оё беҳтар нест, ки аз истифодаи методҳои анъанавӣ даст кашем? Албатта, не. Зеро мақсад он аст, ки методҳо ва тарзҳои таълимдиҳии омӯзгорро рангинтару ғанитар гардонем. Омӯзгори мутахассис бояд дар давоми як дарс дар ҳолатҳои мувофиқ ҳам аз методҳои интерактивӣ ва ҳам анъанавӣ истифода намояд.

**Методи гуфторӣ (шифоҳӣ).** Сарчашмаи асосии донишандӯзии хонандагон ҳангоми истифодаи ин методҳо сухан (нутқ) мебошад. Суханро омӯзгор ҳангоми суҳбат, кор бо китоби дарсӣ ва маводи оморӣ бештар истифода мебарад.

**Методи аёнӣ.** Истифодаи ин метод боиси он мегардад, ки хонандагон мавзӯъро бо истифодаи маводи аслӣ (он чизе, ки дар табиат бо чашми худ мебинанд), расму ҷадвал, нусха (макет), харита, глобус ва дигар аёниятҳои таълимӣ азхуд мекунанд.

**Методи амалӣ.** Асоси ин методро фаъолияти амалии хонандагон ташкил медиҳад. Дар омӯзиши табиат корҳои амалиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

- <u>корҳои амалие, ки дар маҳал гузаронда мешаванд:</u> банақшагирии маҳал, муайян кардани ҳолати обу ҳаво, ченкунии васеъгию чуқурии ҷӯй ва ғайра;
- <u>корҳои амалие, ки дар синф гузаронда мешаванд:</u> аз оби ифлос ҳосил кардани оби соф, кор аз рӯйи мушоҳидаҳои гузарондашуда, расондани ёрии аввалин ба ҷабрдидагон ва ғайра.

Ҳамаи методҳо ва шаклҳои таълим бояд ба инкишофи мустақилият ва эҷодкории хонандагон ёрӣ расонда, азхудкунии дониш, баландбардории малака ва маҳорати онҳоро таъмин кунанд.

Дар интихоби шаклу методҳои таълим омӯзгор озод аст. Истифодаи методҳои гуногун дарсро шавқовар намуда, азхудкунии маводи омӯхташавандаро осон мегардонад.

Хулоса:

- метод ба омӯзгор роҳи ба кӯдакон донишомӯзиро нишон медиҳад;
- метод муайянкунандаи шаклу мазмуни таълим аст;
- метод воситаи алоқаманд кардани фаъолияти омӯзгору хонанда мебошад.

## Мушоҳида дар дарсҳои табиатшиносӣ

Табиат ҳамеша либоси нав ба бар мекунад. Бо таъсири инсон табиат сол ба сол дигаргун мешавад. Баробари иваз шудани фаслҳои сол табиат низ тағйир меёбад, ки ин аз назари кӯдакон пинҳон намемонад.

Мушоҳида дар дарсҳои табиатшиносӣ яке аз қисмҳои таркибии кори таълимӣ ба шумор меравад. Барои он ки мушоҳидаҳо аҳамияти таълимӣ пайдо кунанд, онҳоро омӯзгор бояд бодиққат фикр карда, ба дуруст ташкил кардани мушоҳидаҳо ҳаракат намояд. Пеш аз ҳама, ду навъи мушоҳидаи таълимиро фарқ кардан лозим аст:

1. Мушоҳида кардани ашё ва ҳодисаҳои омӯхташаванда дар шакли табиӣ;
2. Мушоҳида кардани ҳодисаҳои омӯхташаванда, ки зимни таҷриба ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда шудаанд.

Мушоҳидаи таълимӣ чунин мушоҳидаест, ки онро худи хонандагон аз рӯйи супориши омӯзгор иҷро мекунанд. Саволҳо бояд хонандагонро барои муайян кардани хосият ва ҷиҳатҳои муҳими чизи омӯхташаванда ба фикр кардан водор кунанд.

Равиши мушоҳидаро чунин ташкил кардан мумкин аст:

1. Дар назди хонандагон гузоштани вазифаҳо.
2. Ҷараёни мушоҳида ва ёфтани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда.
3. Мустаҳкам кардани донишҳои дар ҷараёни мушоҳида бадастомада (аз рӯйи суҳбати омӯзгор бо хонандагон).
4. Хулосабарорӣ ва ҷамъбаст.

Дар омӯзиши табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 1-ум чунин мушоҳидаҳоро ба роҳ мондан мумкин аст:

– хазоншавии барги дарахтони маҳал ва тасвири онҳо дар коғаз (албом);
– ҳарорати баландтарини шабонарӯз;
– боди шадидтарини фасли сол;
– хелҳои боришот дар фаслҳои сол;
– кори занбӯри асал ва захираи зимистонаи он;
– парандаҳои мавсимӣ ва муқимии маҳал;
– сабзиши майсаи гандум;
– фарқи байни алаф, бутта ва дарахт;
– бориши аввалини барфи сол;
– дар кадом ҳарорат ба кор шурӯъ кардани мӯрчаҳо;
– пухтани меваи рустанӣ;
– вазъи экологии маҳал.

Вобаста ба талаботи барнома ва имконоти шароити маҳал омӯзгор бояд пешакӣ ҷой ва ашёву

ҳодисаҳои мушоҳидашавандаро интихоб карда, натиҷаи онро муайян намояд. Ҳангоми мушоҳида хонандагон на танҳо ашёро мебинанд, балки бо хусусияту сохти онҳо шинос мешаванд.

Мушоҳидаи табиат узвҳои ҳисро инкишоф дода, барои баланд бардоштани қобилияти дарккунии хонандагон мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, мушоҳида имконият медиҳад, ки хонандагон таҳлил кунанд, сабабҳои алоқамандии ашёву ҳодисаҳоро донанд.

## Саёҳат дар таълими табиатшиносӣ

Гарчанде барои хонандагони синфи 1-ум ҳанӯз саёҳат пешбинӣ нашудааст, аммо нақши саёҳат дар таълими фанни табиатшиносӣ барои азхуд кардани мазмуни курси табиатшиносӣ басо бузург аст. Хусусан, саёҳат барои мустаҳкам кардани алоқаи таълими табиатшиносӣ бо ҳаёт нақши муҳим мебозад. Хонандагон ҳангоми саёҳат ба табиат ва фаъолияти хоҷагидории аҳолии маҳаллашон шинос мешаванд. Нақши саёҳат дар тарбияи эстетикӣ ва ҳисси табиатдӯстии хонандагон низ муҳим аст.

Дарсҳои саёҳатиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. <u>Саёҳат ба табиат</u> - бо мақсади мушоҳида ва омӯзиши ашё ва ҳодисаҳои табиӣ;
2. <u>Саёҳат ба истеҳсолот</u> - бо мақсади шиносоӣ пайдо кардан бо роҳу усулҳои истеҳсоли маҳсулот;
3. <u>Саёҳат ба осорхонаҳо</u> – бо мақсади шинос шудан бо гуногунии олами наботот ва ҳайвонот, сарватҳои зеризаминӣ ва дастовардҳои хоҷагии халқ.

Гузаронидани саёҳат аз чунин зинаҳо иборат мебошад.

- ✓ Тайёрии омӯзгор барои ташкил ва гузаронидани саёҳат:
  - *муайян кардани мавзӯъ, мақсад ва ҷойи саёҳат;*
  - *шиносоии пешакии омӯзгор бо ҷой ва олами ҳастии омӯхташаванда;*
  - *суҳбати пешакии омӯзгор бо мутахассиси маҳаллӣ;*
  - *омода кардани нақшаи саёҳат.*
- ✓ Тайёрии хонандагон ба саёҳат:
  - *бо худ гирифтани маводи зарурӣ барои саёҳат;*
  - *иҷрои супоришҳое, ки омӯзгор пеш аз саёҳат дода буд.*
- ✓ Ҷараёни саёҳат:
  - *шинос кардани хонандагон бо мавзеи саёҳат ва супоридани вазифаҳо аз рӯйи нақша;*
  - *иҷрои супоришҳо ва ҷамъоварии маълумот.*
- ✓ Ҷамъбасти саёҳат:
  - *ҷамъ кардани маводи ҳангоми саёҳат бадастомада;*
  - *хулосабарорӣ аз ҷараёни саёҳат.*

## V. АДАБИЁТ


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2004.
3. Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2012.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф - омили муҳимтарини такмили давлат ва наҷоти миллат. Душанбе, 2006.
5. Акрамов С. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе, Маориф, 1987.
6. Барномаи синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, Матбуот, 2002.
7. Вохрушев А., Бурский О., Раутиан А.. Окружающий мир. Земля. Части света. Учебник 2 класса в двух частях. Москва, Дрофа, 2008.
8. Вохрушев А., Бурский О., Раутиан А. Окружающий мир. Мир и человек. Живые обитатели планеты. Учебник для 3 класса в двух частях. Москва, Дрофа, 2008.
9. Қодиров Н., Абдуллоев И.. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе, Комбинати полиграфии ш. Душанбе, 2013.
10. Мелчаков Л. Ф., Скаткин М. Н. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4). Душанбе, Маориф, 1984.
11. Плешаков А. А. Мир вокруг нас. Учебник для 1 класса начальной школы. Москва, Просвещение, 2005.
12. Плешаков А. А. Мир вокруг нас. Учебник для 2 класса начальной школы. Москва Просвещение 2003.
13. Ҳоҷиматов М., Каримов Б.. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 3). Душанбе «Маориф», 1994.
14. koi.tspu.ru/koi_books/semenova/razdel206.htm. Обзор современных программ по окружающему миру.
15. https://sites.google.com/.../sovremennye-programmy. Современные программы по окружающему миру.
16. festival.1september.ru/articles/566779/. Рабочая учебная программа по предмету окружающий мир для 1-го класса.
17. school2100.com/uroki/elementary/okrmir.php. Программа «Окружающий мир» - Школа. 2010.

Ба матбаа 22.08.2015 супорида шуд.
Ба чоп 21.08.2015 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 2
Теъдод 4 000 нусха. Супориши №4

Дар Маркази таҳия, нашр
ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
чоп шудааст.